Ба Шурои диссертатсионии 6Б.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзуи “Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз”: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод карда шудааст.**

Дар мубрамияти мавзуи автореферати диссетртатсияи ба тақриз пешниҳодгардидаи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзуи “Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” назария, методология, амалия” шубҳае нест. Мусаллам аст, ки аҳолии кишвар ҳамеша ба истеъмоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ниёз дошта, ҳифзи муҳити зист бошад, ба нигоҳубини мунтазам эҳтиёҷ дорад. Бинобар ин, чунин мешуморем, ки мавзуи интихобгардида, дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” мубрам ҳисобида мешавад.

Муаллиф дар раванди кори илмии худ дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои зиёди олимони хориҷию ватанӣ тавонистааст ҷанбаҳои назариявию методологии самаранокии рушди устувори минтақаҳои кишвар ва идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” баён намояд. Инчунин, дар доираи низоми иқтисодию экологии мамлакат раванди ташаккули иқтисоди “сабз”-ро ошкор намуда, дар ин замина хусусиятҳои рушди босубот, самтҳои фаъолият, принсипҳо ва намудҳои соҳибкории экологиро муайян кардааст.

Дар робита ба мубрамияти мавзуъ муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд намудааст, ки омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ, инчунин таҳлили ҷанбаҳои амалии татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи тавсияҳо оид ба беҳтар намудани шароит барои рушди самти мазкур хеле муҳим мебошад. Ҳамзамон таъкид намудааст, ки ҳамгироии принсипҳои соҳибкории экологӣ ба низоми иқтисодии ҷумҳурӣ барои баланд бардоштани самаранокии энергия, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, беҳтар намудани идоракунии партовҳо ва ҳифзи гуногунии биологӣ имкониятҳои нав мекушояд. Ин тадбирҳо на танҳо ба ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунанд, балки барои рушди

иқтисодӣ, тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд(саҳ. 4, 5).

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф самтҳои асосии мукаммалгардониии идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" илман асоснок намуда, самаранокии фаъолияти онро пешниҳод кардааст.

Аз мазмуну мундариҷаи автореферат бармеояд, ки ҳамаи вазифаҳои гузошташуда дар сатҳи зарурӣ илман асоснок шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар кори илмӣ пешниҳодгардида метавонанд дар амалия бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" истифода шаванд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии автореферат дар матни асосии он як қатор хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешаванд.

Хуб мешуд агар муаллиф дар қисмати назариявию методологӣ ва умуман дар раванди таҳқиқот корҳои илмии муаллифони ватаниро, махсусан дар самти идоракунии соҳибкории экологӣ нишон медод, ки ин ҳолат сифати таҳқиқоти анҷомёфта хубтар менамуд.

Дар маҷмӯъ ба сохтори автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса кардан мумкин аст, ки пурра ба талаботҳо мувофиқат мекунад ва созовори дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Ш. Қ.

Суроға: 735320, н. Данғара, к. Марказӣ, 25.
Телефон: +992 8331-22-28-06. E-mail: dd_danghara_2013@mail.ru

Имзои ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ, Ш. Қ. Хайрзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДД Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА